# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба таҳқиқи диссертатсионии Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна дар мавзуи "Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей)", ки барои дарёфти дарҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** аз он иборат аст, ки масъалаи тағйироти наҳвӣ дар ҷумлаи матни тарҷумавии асари бадеӣ, анъанаҳои корбурди он дар забони муосири англисӣ ва тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, вале муайян намудани дараҷаи номувофиқатӣ дар сохтор ва мазмуни ҷумла дар муқоиса бо забони тоҷикӣ ва таҳлили онҳо дар раванди тарҷума дар доираи асари мушаххас бори аввал сурат мегирад.

Дар замони муосир омӯзиши масъала ва паҳлуҳои гуногуни забон ҳамчун воситаи муошират, табодули афкор, эҳсосот ва интиқоли иттилоот дар робита бо дигар забонҳои рӯйи дунё аҳаммияти илмию амалӣ дошта, яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад, зеро мероси адабию фарҳангии миллат маҳз тавассути забон дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ карда мешавад. Дар ин замина, байни забони модарӣ ва забони хориҷӣ як фаъолияте ба вуҷуд меояд, ки тарҷума номида мешавад.

Фарҳангу тамаддун ва осори илмию адабии миллат барои муаррифӣ шудан ба фаъолияти тарҷумонӣ вобаста аст. Тарҷума, пеш аз ҳама, тарҷумаи бадеӣ яке аз шаклҳои фаъолияти байни фарҳангу миллатҳост.

Бо пешрафти ҷомеаи мутамаддин забон низ мунтазам рушд мекунад ва дар тарҷумаи ин ё он асари бадеӣ тағйироте ба вуҷуд меоянд, ки онҳо барои тарҷумон мушкилӣ эҷод менамоянд.

Муайян намудани омилҳои фарккунандаи байни матни аслӣ ва матни тарҷума яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муқоисавӣ маҳсуб меёбад, ки бо илми тарҷумашиносӣ алоқамандии зич дорад.

Ҷумла воҳиди забониест, ки ифодакунандаи вожаҳои муташаккил ва ба ҳам алоқаманд буда, тавассути маъно ва оҳанг ифода мегардад. Таҳаввули наҳвӣ, ки дар маркази асосии он ҷумла меистад, яке аз мураккабтарин воситаҳои забонӣ ба шумор меравад, зеро ҳангоми тарҷума сохти дастури луғавию маъноии ҷумла ба тағйироти куллӣ дучор мешавад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуи мазкур ба мақсад мувофиқ аст, зеро мушкилоти тарҷума дар асари бадеӣ ва тағйироти наҳвӣ ҳангоми тарҷума дар доираи асари бадеӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ мебошанд.

Пажӯҳиши мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқоти муқоисавӣ ва тарҷума дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, дар асоси асари “Пирамард ва баҳр”-и Эрнест Ҳемингвей бахшида шудааст.

Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна соли 2011 ба факултети забони англисии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро соли 2015 аз рӯйи ихтисоси “илмҳои филологӣ, забони англисӣ” хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил соли 2018 ба шуъбаи магистратураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) дохил шуда, зинаи мазкурро соли 2020 аз рӯйи ихтисоси “омӯзгори забони англисӣ” хатм кардааст. Фаъолияти кории М.Р. Мустафоева аз соли 2015 ба ҳайси омӯзгори забони хориҷӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №29-и ноҳияи Варзоб шуруъ шуда, соли 2018 дар вазифаи лаборанти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума кор кардааст. Аз соли 2022 то инҷониб ба ҳайси

мудири кафедраи забонҳои хориҷии Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ фаъолият карда истодааст.

Кори диссертатсионии Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия, ки **"Тарҷумаи бадеӣ ва хусусиятҳои он"** унвон дорад, аз 3 фасл иборат мебошад. Дар он масъалаҳои назариявӣ ва амалии тарҷумаи бадеӣ, вижагиҳои услубӣ ва луғавию дастурии тарҷумаи бадеӣ ва дараҷаҳои мутобиқати воҳидҳои забонӣ дар тарҷумаи бадеӣ баррасӣ гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия **"Заминаҳои забоншиносии таҳвилҳои наҳвӣ дар тарҷумаи бадеӣ"** унвон дошта, аз се фасл иборат буда, дар он масъалаи таҳвилоти тарҷумавӣ, хусусан, наҳвӣ дар асоси фикру ақидаҳои забоншиносон ва таҳвили сарфӣ ва навъҳои он дар тарҷума аз забони англисӣ ба забонӣ тоҷикӣ матраҳ гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони **"Хусусиятҳои типологии ҷумла дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ (дар мисоли асари «Пирамард ва баҳр»-и Э. Ҳемингвей)"** аз се фасл иборат буда, дар он сухан дар бораи вижагиҳои типологии ҷумла ва таҳвилоти наҳвӣ ҳангоми тарҷума аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ дар мисоли асари «Пирамард ва баҳр»-и Э. Ҳемингвей меравад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, ба далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии

нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Мустафоева Музаяна Раҳматбоевна **дар мавзуи** "Вижагиҳои таҳвилоти наҳвӣ дар матни бадеии тарҷумавӣ (дар мисоли тарҷумаи асари "Пирамард ва баҳр"-и Э. Ҳемингвей)" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи
забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
факултети тарҷумонии забони англисии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев 48, ҳуҷраи 2.
Телефон: (+992) 882-89-17-17
Суроғаи электронӣ: havas3001@mail.ru

Имзои Ҳ.Т. Соҳибназароваро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна
Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Телефон: 232-50-00

05.03.2025 с.